## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-113-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи “Асосҳои илмӣ - методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3.– Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи илмии Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна ба яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ - методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ ва инкишофи нутқи мураттаби хонандагон бахшида шудааст. Мубрамияти таълими мавзуи мазкур, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки маҳз коркарди низоми истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ ва ташаккули нутқи мураттаби хонандагон дар пояи методологияи илмӣ ва таҷрибаи пешқадами аз ҷиҳати илмӣ асоснок дониста мешавад, дар ин раванд зарур аст, амалӣ гардад.

Маҳз ҳамин ҷиҳати масъала дар диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар баробари пешниҳоди илмӣ - методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ ва инкишофи нутқи мураттаби хонандагон иртиботдошта аз оғоз то интиҳои рисола чун хатти сурх дар мадди назари рисоланавис қарор гирифтааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 - 33 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, бахусус, дар дарсҳои забони модарӣ барои муваффақ шудан ба ин сифатҳо истифодаи осори классикон ба хотири инкишофи нутқи мураттаби хонандагон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, метавон, пеш аз ҳама, натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои пешниҳодшударо дар амалияи корҳои таълимию тарбиявии ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ва курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ истифода бурд..

Мавзуъ ва мухтавои диссертатсионии Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи "Асосҳои илмӣ - методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон" ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.5.3.– Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ, ҳамчунин, ба Феҳристи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 мутобиқат мекунад.

Диссертант дар рисолаи хеш коркарди методии мавзуъҳои дар доираи ташаккули истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ ва инкишофи нутқи мураттаби хонандагон, зимни такя намудан ба маводи назариявӣ - методӣ, ба натиҷаҳои озмоишҳои педагогии дар раванди омӯзиши забони модарӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва, албатта, дар заминаи ақидаҳои шахсиаш пешниҳод намудааст, ки аз ҷумлаи дастовардҳои муҳим ва дигари ӯ маҳсуб меёбад.

Аз ин нуктаи назар, мавзуи рисолаи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна мубраму муҳим буда, аз ҷиҳати назариявию амалӣ низ шоистаи дастгирист.

Диссертатсияи мазкур мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки 30 июни соли 2021 таҳти №267 ба тасвиб расидааст, таълиф шудааст. Ва ин кори диссертатсионӣ дар кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 05 декабри соли 2025, №4).

Дар хулосаи ҷаласаи васеи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» ба диссертатсия баҳои объективию ҳаматарафа дода шудааст.

Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар 24 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, дар маҷаллаҳои эътирофнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 мақола нашр шудааст.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ё худ эътирофшуда ба талаботи банди 34 - Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудааст, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунад.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф фикрҳои ҷолиб пешниҳод шудааст. Инчунин, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика ва методикаи таълим шаҳодат медиҳад.

Аҳамияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи "Асосҳои илмӣ - методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3.– Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи "Асосҳои илмӣ - методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3.– Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи "Асосҳои илмӣ - методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3.– Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ ба ҳимоя такрорӣ кабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.3.5.3.– Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Иматзода Лутфия Маҳмадулло** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълимии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ;

- **Ғаниева Бунафша Ҷумабоевна** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психология ва социологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатӣи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифатӣ муассисаи пешбар

- **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар

сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**профессор** **Ҳомидзода Дилмурод Ражаб**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои педагогӣ,**
**профессор** **Латифзода Диловар Назришоҳ**

**доктори илмхои педагогӣ,**
**профессор** **Юлдошев Умарҷон Рахимҷонович**

*Имзоҳои Ҳомидзода Д.Р., Латифзода Д.Н. ва Юлдошев У.Р. – ро тасдиқ мекунам*

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои маҳсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.Ш.**

**“__10__” ___06___соли 2026**